**Суратмаҷлиси №8**

маҷлиси васеи Шурои олимони факултети забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номаи академик Бобоҷон Ғафуров»

аз 14 марти соли 2023

**Иштирок доштанд:** раис ва аъзои Шурои олимони факултети забонҳои шарқ, муқарризони холиси экспертизаи давраи дуюми диссертатсия – доктори илми филология, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Нуров Н.Н. ва номзади илми филология, муовини директори МД-и «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» Шарифов Ш.Ҳ., роҳбари илмии диссертатсияи баррасишаванда – Насриддинов Ф.А., профессор, доктори илми филология, омӯзгорон, докторантон ва магистрантон.

**Рӯзнома:**

1. Баррасии диссертатсияи докторанти (Phd) кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба экспертизаи давраи дуюми диссертатсия дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом».

**Шунида шуд:**

**Раҳимов И.У.** – раиси Шурои олимони факултети забонҳои шарқ, номзади илми филология маҷлисро кушода, иброз дошт, ки дар

рӯзномаи маҷлис як масъала баррасии диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои экспертизаи давраи дуюм (аз рӯи талаботи Низомномаи нави Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) мебошад.

Роҳбари илмии диссертатсия доктори илми филология Насриддинов Фахриддин Абдуманонович мебошад. Дар ибтидо ман ба як зинаи дигари муҳокима расидани докторант (PhD) ва роҳбари илмиашонро табрик менамоям. Дар рузҳои наврӯзӣ ва аввали баҳор яке аз самараи илмии факултети мо мегардад.

Дар ҷаласаи имруза муқарризони холис – доктори илми филология, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Нуров Н.Н. ва номзади илми филология, муовини директори МД «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» Шарифов Ш.Ҳ. ҳузур доранд.

Мақсади экспертизаи давраи дуюм ба ҳимоя мувофиқ будан ё набудани диссертатсия, пешниҳоди он ба Шурои дифоъ (агар мувофиқ бошад) барои дарёфти дараҷаи илмиии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Ҳамчунин дар Шуро омузгорон, аспирантон, докторантон ва магистирантон ҳузур доранд.

Сухан барои шинос кардан бо муҳтавои диссертатсия ба докторнат (Phd) Мирзоҳофизиён М.М. тахти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» дода шуд. Диссертант Мирзоҳофизиён М.М. дар маърӯзаи худ оид ба мақсад, вазифа ва муҳтавои диссертатсия гуфт:

«Ассалому алайкум муҳтарам Раис ва аъзоёни Шуро, устодони арҷманд.

Рисолаи мо тахти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» ба қалам омадааст.

Бо иҷозати Шумо нуктаҳои муҳими рисоларо ба самъи ҳозирин мерасонем.

Аҳмади Ҷом, маъруф ба «Жандапил», дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ аз ҷумла орифони соҳибмашрабу суханварони соҳибмактаб ва донишманди тавонманд дар офаридани осори манзуму мансури арзишманд шинохта шудааст. Осори насрии Аҳмади Ҷом дар таҳаввули насри форсии тоҷикӣ дар асрҳои XI-XII, бахусус насри сӯфиёна ва ирфонӣ, нақши назаррас гузоштааст. Ин осор аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, сохту таркиб, фарогирии мавзуъҳои адабӣ, ирфонӣ, таърихӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ва бархурдор аз хусусиятҳои боризи филологӣ, ба монанди сабки наср, шеваи баёну гуфтор, корбурди ашъор, истифодаи ахбору осор, баёни нақлу ривоёти дилнишин, тарҷумаи мутун, зикри истилоҳоту таъбироти сӯфия ва шарҳу тавзеҳи онҳо, маърифати сарчашмаҳои фикрии суханварон ва ғ. аз манобеи хеле пурбору омӯхтанӣ мебошанд.

Чунин аҳамият ва мубрамияти мавзуъ моро водор намуд, то дар таҳқиқи масъалаҳои рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом бар асоси матнҳои куҳан, насри ирфонӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом ва хусусиятҳои мавзуию сохтории онҳо, нусхашиносӣ ва баррасии таркибу мундариҷаи мероси мансури Аҳмади Ҷом, таҳқиқи сабки насру тавзеҳи мафоҳими аҳли тасаввуф ва табйини маониву румузи онҳо, пажӯҳиши вежагиҳои матншиносии осори Аҳмади Ҷом ва ғ.-ро ковишу пажӯҳиш намоем.

Мавзуъҳои мазкур, ки дар диссертатсияи ҳозир дар меҳвари таҳқиқ қарор доранд, дорои аҳамияти назариву амалӣ буда, дар таҳқиқи хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик пешниҳод мегардад.

Таърихнигорону тазкиранависон дар осори худ аз ҳаёту фаъолияти Аҳмади Ҷом, мероси адабию ирфонӣ, хонадони адабпарвар ва мазори ӯ гузориш додаанд. Шоирону насрнависони номвар дар осори худ аз ӯ ёд намудаанд.

Ҳамчунин, осори насрии Аҳмади Ҷом диққати муҳаққиқони ватаниву хориҷиро ба худ ҷалб кардааст.

Бадеуззамон Фурӯзонфар, Забеҳуллоҳи Сафо, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Саид Нафисӣ ва дигар адабиётшиносон дар таҳқиқоти худ роҷеъ ба аҳволу осори Аҳмади Ҷом маълумот додаанд. Инчунин, роҷеъ ба рӯзгори Аҳмади Ҷом Муҳаммадҷаводи Шамс чандин мақолаи донишномавӣ навиштааст.

Каюмов Азиз Пулатович, Семёнова Анна Александровна, Щеглова Олимпиада Павлова, Моушор Хонбобо, Аҳмад Мунзавӣ, Мустафо Дироятӣ, Абдулқодир Гулпинорлӣ, Мирзоев Абдулғанӣ Мирзоевич, Алиризо Қарапӯлот ва ғ. дар феҳристнависӣ ва нусхашиносии осори Аҳмади Ҷом ҳиммат гузоштаанд.

Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ ва Алии Фозил вобаста ба сабки насри баъзе аз осори мансури Аҳмади Ҷом пажӯҳишҳо бурдаанд.

Роҷеъ ба рӯзгор ва осори Аҳмади Ҷом доктор Алии Фозил таҳқиқот анҷом додааст. Асарҳои «Анис-ут-тоибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Равзат-ул-музнибин», «Мифтоҳ-ун-наҷот» ва «Кунуз-ул-ҳикмат»-ро муҳаққиқи мазкур давоми солҳои 1350-1387 / 1931-1967 нашр намудааст. Инчунин, муҳаққиқи мазкур доир ба зиндагонӣ ва мероси адабии Аҳмади Ҷом китобҳои «Корномаи Аҳмади Ҷоми Номақӣ» ва «Шарҳи аҳвол ва нақду таҳлили осори Аҳмади Ҷом»-ро мунташир сохтааст.

Адабиётшиноси ҳиндӣ профессор Озармидухти Сафавӣ китоби «Анис-ут-тоибин»-и Аҳмади Ҷомро бо тасҳеҳ ва тарҷумаи англисӣ дар Лондон ба нашр расонидааст.

Ҳашматуллоҳи Муайяд дар муқаддимаи «Мақомоти Жандапил»-и Садидуддин Муҳаммади Ғазнавӣ оид ба рӯзгор ва каромоти Аҳмади Ҷом баҳс намудааст. Ҳамчунин, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар муқаддимаи «Хулосат-ул-мақомот»-и Абулмакорими Ҷомӣ вобаста ба аҳволу осори Аҳмади Ҷом пажӯҳиш анҷом додааст. Инчунин Яъқуб

Нидоии Аҳмадӣ доир ба истилоҳоти ирфонии осори насрии Аҳмади Ҷом таҳқиқот бурдааст.

Силсилаи мақолаҳои илмӣ аз ҷониби муҳаққиқони эронӣ, ба мисли Ҳасан Насирии Ҷомӣ, Амир Ҳасан Маданӣ, Муҳаммад Худододӣ, Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ, Муҳаммадризо Қурбони Саббоғ, Нидо Саққоӣ, Саидмуҳаммад Устувори Номакӣ, Ҳодӣ Хидевар, Ризо Содиқии Шаҳир, Ядуллоҳ Баҳмании Мутлақ, Маҳдии Зарқонӣ, Ғуломризо Мустаълии Шамс, Ҳомиди Шамс ва дигарон нашр гардидааст.

Дар адбиётшиносии тоҷик Холиқ Мирзозода, Аълохон Афсаҳзод, Амрияздон Алимардонов ва дигарон дар таҳқиқоти худ роҷеъ ба рӯзгори Аҳмади Ҷом маълумот додаанд. Инчунин, Аълохон Афсаҳзод ва Маҳмадқул Ҳазратқулов маълумоти фишурдаи тарҷумаҳолӣ ба қалам овардаанд. Ромиз Собир ва Мирзо Диловар низ дар маҷмуа ва рӯзномаву маҷаллаҳои адабӣ ашъори Аҳмади Ҷомро ба нашр расонидаанд.

Вобаста ба ҷаҳонбинии фалсафии Аҳмади Ҷом муҳаққиқи ӯзбек Касимова Зинаида Ибрагимовна кори илмӣ ба анҷом расонидааст. Инчунин, Саид Юсуфи Сурони Амир Ҳасан ҷанбаҳои каломӣ ва тасаввуфии осори Аҳмади Ҷомро пажӯҳиш намудааст.

Дар адабиётшиносии ғарб ва рус доир ба рӯзгор ва осори Аҳмади Ҷом таҳқиқоти назаррас дар пажӯҳишҳои Б.Фрейзер, Ф.Майер, Ҷ.Балдик, В.Иванов ва дигарон дида мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки бо вуҷуди аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ паҳлуҳои гуногуни рӯзгору осори Аҳмади Ҷом таҳқиқ ёфтан, дар ҳеҷ яке аз онҳо масъалаҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом ба таври хоса баррасӣ наёфтааст.

Аз ин рӯ, баррасии хусусиятҳои матншиносиву поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом дар адабиётшиносии тоҷик мавзуи тоза мебошад.

Таҳқиқи хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом, бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои нусхашиносӣ, баррасии сохторию мундариҷавӣ, корбурди ашъору тавзеҳи усулҳои баҳрабарӣ аз

он, сабки насру шеваи баён, шарҳи истилоҳоти назарии сӯфия, пажӯҳиши мутуни хаттию чопии мероси мансури ин донишманд ва табйини мақоми осори ӯ дар ташаккули адабу ирфони форсии тоҷикӣ мақсади диссертатсияи ҳозирро ташкил медиҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл ва хулосаву номгӯи адабиёт таркиб ёфтааст.

Боби аввали диссертатсия **«Аҳмади Ҷом ва таҳаввули насри ирфонӣ дар аҳди ӯ»** унвон дошта, фарогири ду фасл аст.

**Фасли аввал «Аҳмади Ҷом ва мақоми ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ» унвон дорад.** Аҳмади Ҷом, маъруф ба «Жандапил», аз дурахшонтарин чеҳраҳои адабу ирфони асрҳои XI-XII ба ҳисоб меравад.

Бар асоси гузориши ин манобеъ, куня, ному насаб ва нисбаи пурраи Аҳмади Ҷом: «Абӯнаср Аҳмад ибни Абулҳасан ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҷарир ибни Абдуллоҳ ибни Лайси Баҷалии Номақии Ҷомӣ» мебошад. Аҳмади Ҷом соли 440-441ҳ./1048-1049м. дар рустои Номақ (воқеъ дар ҷануби Нишопур) чашм ба дунё кушод. Дар 22-солагӣ дар ҳаёти ӯ воқеае рух дод ва он сабаби дигаргунии куллӣ дар ҳаёти ӯ қарор гирифт. Ӯ пас аз ин рухдод рӯй ба кӯҳ овард ва ҳаждаҳ сол ба хилват нишаст. Пас аз узлат, нахуст дар Сарахс, сипас дар кӯҳи Истоди Зӯробод ва он гоҳ дар Муидободи Ҷом (Муҳидободи кунунӣ) сукунат намуд. Дар замони кӯтоҳ соҳиби овозаи баланд гардида, мавриди эҳтироми хосу ом ва иродати салотину умаро қарор гирифт.

Аҳмади Ҷом умри дарози пурбаракати хешро ба рушди илму дониш ва иршоду раҳнамоии ҷомеа сарф намуда, бино ба иттифоқи аксари сарчашмаҳо, соли 536ҳ./1141м. дар синни 96-солагӣ дар хонақоҳи худ дар шаҳри Ҷом (Муҳидобод) аз олами ҳастӣ чашм пӯшид. Ӯро дар маконе, ки қаблан васият намуда буд, берун аз дарвозаи масҷид ва хонақоҳаш, ба хок супориданд.

**Фасли дуюми боби аввал «Насри ирфонӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом» номгузорӣ шудааст. Таъкид мешавад, ки о**ғоз аз асри XI орифони соҳибқалам ва сӯфиёни соҳибназар бо таълифи осору имлои афкор

мероси сӯфияро, чи марбут ба амалия ва чи назария, бо забони форсии дарӣ ба ҷараёни равишманд ворид сохтаанд. Аз ҳамин аср ба колбуди адабиёти мо рӯҳи ирфон дамида шуд ва адаби сӯфия ба таври ом паҳн гардидааст.

Насри ирфонии аҳди Аҳмади Ҷом дар қолаби осори гуногун бо тарҳу мавзуъбандии мухталиф арзи ҳастӣ карда, ки метавон онҳоро аз нигоҳи куллӣ дар се бахши умда бозшиносӣ намуд.

*1. Осори ирфони амалӣ ва назарӣ.*

*2. Маноқиб, табақот ва зиндагиномаҳои бузургони сӯфия.*

*3. Тафсирҳои куҳани форсии тоҷикӣ.*

Ҳамин гуна, дар дигар навъ осори насрии ин давра низ инъикоси ҷаҳонбинии сӯфия ва баҳрабардорӣ аз афкору аҳволи пешвоёни ин тоифа ба таври шоиста мушоҳида мегардад, ки мутуни осори Носири Хусрав, «Баён-ул-адён»-и Абулмаолӣ Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Ғазнавӣ, «Такмилат-ул-латоиф»-и Аҳмад ибни Мансур, «Нафоис-ул-ароис»-и Муҳаммад ибни Ҳасан, «Қисас-ул-асфиё»-и Имом Заҳируддини Байҳақӣ, таърихномаҳо, сиёсатномаҳо, андарзномаҳо ва ғ. гӯёи ин ҳақиқатанд.

Боби дуюми диссертатсия «**Нусхашиносӣ ва пажуҳиши сохторию мавзуии осори насрии Аҳмади Ҷом»** ном дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст.

**Боби нахустни ин фасл «Нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом» унвонгузорӣ шудааст.** Омӯзиши феҳристҳо ва ҷустуҷӯ дар ганҷинаҳои нусахи хаттӣ нишон медиҳад, ки дастхатҳои беш аз даҳ асари насрии Аҳмади Ҷом дар китобхонаҳои ҷаҳон нигаҳдорӣ мешаванд. Интисоби саҳеҳи аксари ин осор ба Аҳмади Ҷом собит аст, аммо иддае то ҳол сиҳҳати интисобро дарнаёфтаанд. Баъзе аз мероси насрии ӯ, ба монанди «Анис-ул-мустаънисин», «Футуҳ-ур-рӯҳ», «Тазкирот», «Эътиқоднома» ва ғ. эҳтимолан пурра аз байн рафтаанд ва ё ҳанӯз нусхае аз онҳо пайдо нагардидааст.

Бо баррасӣ ва ковишҳо дар нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом дар маҷмуъ, дар фасли мазкур наздик ба 40 нусхаи хаттии осори насрии Аҳмади Ҷом бозшиносӣ гардидаанд. Аз ин миён, 14 нусха, ба мисли нусхаи № 682 аз китобхонаи Лоло Исмоил, нусхаи № 399 аз Китобхонаи Нофизпошшо, нусхаи № 1742 аз Музейи Мавлоно, нусхаи № 1103 аз Китобхонаи Масҷиди Аъзам, нусхаи № 4238 аз Китобхонаи Ганҷбахш, нусхаи № 10235/1 аз Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ ва ғ. бори нахуст дар нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом ба муомилоти илмӣ кашида шудаанд.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки бояд дар нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом ба ҳамаи марҳилаҳои нусхашиносӣ – тавсифӣ, таърихӣ ва татбиқӣ таваҷҷуҳ гардад; маърифат ва интисоби саҳеҳи осори насрии Аҳмади Ҷом ба нусхашиносии равишманд алоқаманд аст; нусхаҳои хаттии мероси мансури Аҳмади Ҷом дар густураи фарох паҳн гардидааст ва, афзун бар ганҷинаҳои нусахи хаттии кишварҳои форсизабон, дар китобхонаҳои Аврупо, Осиёи Сағир, Русия ва ғ. низ нигаҳдорӣ мешаванд.

**Фасли дуюми боби мазкур «Мундариҷа ва таркиби осори насрии Аҳмади Ҷом» унвон дорад.** Нуктаҳои муҳим дар шинохти мундариҷа ва қолабҳои сохториву таркибии осори насрии Аҳмади Ҷом ба ин қарор аст:

*«Анис-ут-тоибин».* Номи пурраи асар «Анис-ут-тоибин ва сиротиллоҳи-л-мубин» аст. Ин китоб муфассалтарин асари Аҳмади Ҷом буда, аз 45 боб таркиб ёфтааст. Китоби мазкур дар аввали асри XI таълиф гардидааст ва, зоҳиран, нахустин таълифи Аҳмади Ҷом мебошад.

*«Равзат-ул-музнибин».* Номи пурраи китоб «Равзат-ул-музнибин ва ҷаннат-ул-муштоқин» аст. Китоб байни солҳои 520-526 ҳ./1126-1131 м. таълиф шуда, ба султон Санҷар эҳдо гардидааст. Муҳтавои китоб дар қолаби 23 боб рехта шудааст.

*«Сироҷ-ус-соирин».* Китоб соли 512 ҳ./1118 м. тасниф гардидааст. Ин китоб аз таълифоти бузургҳаҷми Аҳмади Ҷом ба ҳисоб рафта, дар асл аз

чор ҷилд иборат будааст. Мутаассифона, як ҷилди он дар хуҷуми чингизиён аз байн рафтааст ва се муҷаллади дигар дар 75 боб то замони муаллифи «Хулосат-ул-мақомот» – Абулмакорими Ҷомӣ мавҷуд будааст. Алҳол 24 боби «Сироҷ-ус-соирин» то замони мо расидааст.

*«Мифтоҳ-ун-наҷот».* Китоби мазкур дар давраи камолоти илмиву маънавии муаллиф навишта шудааст. Муҳтавои китоб дар қолаби муқаддима, ҳафт боб, ду фасл ва як ҳикояву воқеа рехта шудааст.

*«Биҳор-ул-ҳақиқат».* Китоб соли 527 ҳ./1133 м. таълиф ёфта, шомили 18 боб мебошад.

*«Кунуз-ул-ҳикмат».* Ин китоб аз нигоҳи таърихи таълиф охирин асари Аҳмади Ҷом ба шумор рафта, соли 533 ҳ./1138 м. тадвин гардидааст. Китоб дорои 20 боб ва 14 фасл мебошад.

*«Рисолаи Самарқандия».* Ин рисола мухтасар буда, шомили номаҳои Аҳмади Ҷом дар посух ба суолҳои ирфонии муридон, ёрон, эътиқодмандон, бахусус аз Самарқанду атрофи он мебошад._Қайд гардида, ки осори насрии Аҳмади Ҷом дар мавзуи ирфон навишта шудааст; мавзуи меҳварии осори Аҳмади Ҷом ирфони амалӣ ва назарист; дар осори насрии Аҳмади Ҷом тарҳи баёни матолиб бештар тобеи қолаби маҷлисгӯӣ буда, шеваи саволу ҷавоб низ бар онҳо ғолиб аст.

Боби сеюми рисола «**Баррасии хусусиятҳои поэтикӣ ва матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом**» унвон гирифта, аз чор фасл иборат мебошад.

**Боби аввали фасли мазкур «Сабки насри мероси мансури Аҳмади Ҷом» унвор дорад.** Осори насрии Аҳмади Ҷом, бо вуҷуди дар ҷараёни таҳаввули сабки насри давраи мазкур қарор доштан, дар таълифоти сабкшиносии муҳаққиқон ба таври шоиста ба таҳлилу баррасӣ гирифта нашудааст. Ба занни ғолиб, дар замони таълифи асарҳои бунёдии сабкшиносӣ мушкил будани дастрасӣ ба нусхаҳои хаттии осори Аҳмади Ҷом ва ҳанӯз чоп набудани онҳо мӯҷиб гардида, то хусусиятҳои сабкии мероси мансури ин насрнавис аз доираи омӯзиш берун монад. Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ қайд менамояд: «Агар устод Маликушшуаро Баҳор ба ҳангоми нигориши китоби беҳамтои

«Сабкшиносӣ» осори Аҳмади Ҷомро дар ихтиёр медошт, бегумон насри ӯро дар радаи барҷастатарин намунаҳои насри содаи форсӣ... қарор медод». Умдатарин мухтассоти сабки мероси мансури Аҳмади Ҷом дар чунин нуктаҳо падидор мегардад:

1. Равониву содагии калом; 2. Такрор; 3. Корбурди матн ва луғоту таъбироти арабӣ; 4. Истифодаи калимаҳои куҳан; 5. Корбурди калимоти лаҳҷавӣ; 6. Усули хоси навиштани ададҳо; 7. Ҷамъбандии калимаҳои ҷамъи арабӣ; 8. Вожагузинӣ дар баробари калимоти арабӣ; 9. Корбурди оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ; 10. Шеваи баёни хитобӣ ва воизона; 11. Ҳикоятпардозиҳо; 12. Корбурди санъатҳои бадеӣ.

Метавон гуфт, ки хусусиятҳои сабкии мероси мансури Аҳмади Ҷом чун мухтассоти сабки хуросониву байнобайн буда, дар онҳо муҳимтарин вежагиҳои сабки насри асрҳои XI-XII инъикос ёфтааст.

**III.2. Истифодаи ашъор дар осори насрии Аҳмади Ҷом.** Аҳмади Ҷом дар осори насрии худ аз шеър дар борварии андеша, таъйиди назар, таъкиди матлаб, таъсиру тазйини бештари калом ва дигар мавридҳо баҳра бурдааст. Хусусиятҳои корбурди ашъор дар осори насрии Аҳмади Ҷом дар 3 бахши умда ба баррасӣ гирифта шудааст:

*1. Истифодаи ашъори шуарои пешин.* Дар осори насрии Аҳмади Ҷом ашъори шоирони ҳамаср ва пешин борҳо истифода гардидааст. Дар шуморе аз онҳо муаллиф гӯяндаашро ёд намудааст, аммо соҳиби теъдоде аз онҳо равшан нест. Аз ин рӯ, истифода аз ашъори шуаро дар ду мабҳас бозшиносӣ шудааст:

*а) Истифода аз ашъоре, ки гӯяндагонаш маълуманд.*

*б) Истифодаи ашъоре, ки гӯяндагонаш муайян нест.*

*Мабҳаси дигар бо унвони «Истифодабарӣ аз шеъри худ» омада, ки он низ дар 2 мабҳас:*

*а) Ашъоре, ки дар девони Аҳмади Ҷом мавҷуд аст;*

*б) Ашъоре, ки дар девони Аҳмади Ҷом ба назар намерасанд. баррасӣ ёфтааст.*

Зербахши дигари фасли мазкур тахти унвони «*Корбурди ашъори арабӣ*» ваҷҳи корбурди ашъори арабиро дар мероси мансури Аҳмади Ҷом ба баррасӣ мекашад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Аҳмади Ҷом пас аз зикри ашъори арабӣ, ба овардани тарҷумаи онҳо низ таваҷҷуҳ намудааст. Ин гуна тарҷумаҳо дар маърифати мазомини муштараки адабиёти арабу аҷам асноди муҳимро доро мебошанд.

**III.3. Мероси мансури Аҳмади Ҷом ва шарҳи истилоҳоти сӯфия.** Аҳмади Ҷом таъбироти ирфонӣ ва истилоҳоти сӯфияро бо умқу вусъати хоса таҳлилу тавзеҳ намудааст. Осори насрии ӯ метавонад дар такмили фарҳангҳои таъбирот ва истилоҳоти ирфонӣ хидмати шоистаро анҷом диҳад. Дар таъйиди ин назар мафҳум ва истилоҳоти ирфонии *абдол, адаб, дарвеш, дил, зулф, зуҳд, ихлос, манозилу дараҷот, маърифат, ориф, самоъ, солик, тавҳид, таваккул, хавфу раҷо, ҳол ва г.* бо шавоҳиду иқтибосҳо таҳлилу тавзеҳ гардидаанд.

Таъкид мешавад, ки мероси мансури Аҳмади Ҷом ганҷинаи пурбори таъбироти ирфонӣ буда, барои шинохти бештари истилоҳоти сӯфия сарчашмаҳои муҳим ба шумор меравад ва бо такя ба шарҳу тавзеҳоте, ки дар осори насрии ӯ болои истилоҳоти ирфонӣ сурат гирифтааст, метавон фарҳангҳои таъбироти тасаввуфиро мукаммалтар намуд.

**III.4. Таҳқиқи матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом.** Баррасии матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом равшан менамояд, ки кӯшишҳои анҷомгирифта, бо вуҷуди муҳассаноти зиёд, аз чанд ҷиҳат ба такмил ва тасҳеҳ ниёз доранд.

*Якум, нусхаҷӯии густурда.* Дар матншиносӣ таъкид меёбад, ки дар тасҳеҳи матнҳои куҳан, бахусус он мутун, ки пештар аз асри XV таълиф гардидаанд, бояд ба нусхаҷӯии онҳо таваҷҷуҳи хоса мабзул дошт. Кӯшиш бояд кард, то аксари нусхаҳои асари тасҳеҳшаванда ва ё ақаллан муътамадтарини онҳо бозҷӯӣ гардад ва бар онҳо дастрасӣ сурат гирад.

Мебинем, ки мусаҳҳеҳи гиромӣ Алии Фозил матни «Равзат-ул-музнибин»-и Аҳмади Ҷомро бар асоси ду нусхаи хаттии ин китоб – нусхаи шумораи 7628 аз китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ ва нусхаи шумораи 6466 аз Китобхонаи маркази Донишгоҳи Теҳрон тасҳеҳ ва нашр намудааст.

Тасҳеҳи матни ин асар, ки дар асри шашуми ҳиҷрӣ, дувоздаҳуми мелодӣ таълиф гардидааст, тақозо менамояд, то болои нусхаҷӯии он ковишҳои амиқу густурда анҷом гирад. Бо ковиши нусхаҷӯӣ болои «Равзат-ул-музнибин»-и Аҳмади Ҷом равшан намудем, ки чандин нусхаи хаттии куҳани асари мазкур аз назари мусаҳҳеҳ дуру ношинохта мондааст. Чун нусхаи №3687 аз Китобхонаи Боязид (Истамбул), нусхаи №1103 аз Китобхонаи Масҷиди Аъзам (Қум), нусхаи №4238 аз Китобхонаи Ганҷбахш (Исломобод), нусхаи №10235/1 аз Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ (Теҳрон) ва нусхаи №149 аз Китобхонаи Лоло Исмоил (Истамбул).

Ҳамин тавр, бо таҳқиқи нусхашиносӣ маълум карда шуд, ки аз «Мифтоҳ-ун-наҷот»-и Аҳмади Ҷом ҳафт нусхаи муҳим аз назари мусаҳҳеҳ дур мондааст ва, ҳатто, ба вуҷуди онҳо ишорае нарафтааст. Инҳо нусха №682 аз Китобхонаи Лоло Исмоил, нусхаи №14389/1 аз Китобхонаи Маръашӣ, нусхаи №7699/3 аз Китобхонаи маркази Донишгоҳи Теҳрон, нусхаи № 321 аз Китобхонаи Донишгоҳи Теҳрон, нусхаи №19754 аз Китобхонаи миллии Эрон, нусхаи №3206 аз Китобхонаи Юсуфоғо (Қуния) ва нусхаи №1042/2 аз Китобхонаи Ҳоҷӣ Маҳмуд Афандӣ мебошанд.

Бояд дар тасҳеҳҳои оянда аз ин нусхаҳо баҳрабарӣ сурат гирад ва забтҳои асилу куҳани онҳо мавриди истифода қарор дода шавад.

*Дувум, нусхашиносии равишманд.* Бояд дар шинохти нусхаҳо ва маълум намудани арзиши воқеии онҳо ба ҳамаи марҳилаҳои нусхашиносӣ – тавсифӣ, таърихӣ ва татбиқӣ таваҷҷуҳ намуд. Танҳо ҳамин навъ таҳқиқу омӯзиш заминаи дурусти интихоби нусхаи асос ва нусхаҳои ёрирасонро фароҳам меоварад. Ҳамчунин, танҳо бо такя бар

натиҷаи нусхашиносии равишманд шеваи тасҳеҳи матни асар муайян мегардад. Чун дар тасҳеҳи «Равзат-ул-музнибин» дар ин маврид тасоҳул сурат гирифта, матн бо такя бар нусхаи Муҳаммадаъзами Ҷомии Аҳмадӣ, ки дар асри XX китобат ёфтааст, таҳия шуда, нусхаи дувум, ки панҷ аср пештар дар асри XV (соли 856 ҳ., 1452 м.) китобат гардидааст ва комилу нодир аст, нусхаи ёрирасон қарор дода шудааст. Нусхашиносии равишманд метавонист дар интихоби нусхаи асосу муътамад мусоидат намояд.

*Савум, пойбандӣ ба қавоиди шеваи тасҳеҳ.* Самараи матлуб аз тасҳеҳи матн ба риояи қавоиди шеваи тасҳеҳ аз оғоз то анҷом алоқаманд аст. Дар ҳоли пойбанд набудан ба шеваи равишманд, матн бо нуқсу кутоҳӣ ба хонанда пешниҳод мешавад ва аҳдофу мақосиди аслӣ ба даст намеояд.

Яке аз муҳиммоти тасҳеҳи матн, ин сабти дақиқи ихтилофи нусхаҳо ва забтҳои гуногуни онҳост. Ҳангоме ки матни нашргаштаи «Равзат-ул-музнибин»-ро бо асли нусха муқобала намудем, маълум гардид, ки аксари ихтилофи нусхаҳо нишон дода нашудаанд ва дар сабти нусхабадал пойбандӣ ба равиши кор сурат нагирифтааст.

Ҳамин гуна, ин навъ кутоҳӣ дар нашри «Мифтоҳ-ун-наҷот»-и Аҳмади Ҷом, ки аз ҷониби мусаҳҳеҳи мазкур анҷом гирифтааст ва «Биҳор-ул-ҳақиқат»-и ӯ, ки ба кӯшиши Ҳасан Насирии Ҷомӣ сурат пазируфтааст, низ ба назар мерасад.

Пойбанд набудан ба риояи меъёрҳои тасҳеҳи матн мӯҷиб гардида, то дар мавридҳое лағзишу тасарруфоти котибон бидуни таҳқиқ ва дур аз амонати илмӣ ба матн раҳ ёбад, ихтилофи умдаи нусхаҳо нишон дода нашавад ва афтодагиву нуқсҳо дар матн падид ояд.

Дар зер бо таҳқиқи матншиносӣ порае аз саҳву иштибоҳоти раҳёфта ба осори насрии Аҳмади Ҷомро дар мабҳасҳои алоҳида тавзеҳ медиҳем.

*а) Ғалатхонӣ ва адами таваҷҷуҳ дар тасҳеҳи матн.* Тасҳеҳ ва нашри осори хаттӣ аз мусаҳҳеҳ таваҷҷуҳу диққати хосаро талаб менамояд.

Адами таваҷҷуҳ ва бидуни диққат бо матн муомила намудан, сабаб мегардад, то асари пешниҳодшаванда пурғалат интишор ёбад.

Яке аз мавридҳое, ки дар он имкони раҳёбии ғалату иштибоҳот ба матн бештар аст, ин бетаваҷҷуҳӣ ба нуқтаи ҳарфҳо ва ғалатхонии калимот аст. Зеро афзудан ё кам кардани як нуқта ва ё дар мавриди ҷои нуқта ғалат намудан, матлабро тағйир медиҳад ва маъниро халалдор месозад. Ҳамчунин, мавридҳое ҳаст, ки калима дар нусха бидуни нуқта навишта шудааст. Дар хониш ва сабти ин навъ калимаҳо бояд бештар диққат намуд. Имкон дорад, ки чунин калимаҳо ба чанд сурат хонда шаванд. Бетаваҷҷуҳӣ дар ин навъ мавридҳо, метавонад ба калима тамоман сурати дигар диҳад ва матн бидуни маънии матлуб пешниҳод шавад. Барои мусаҳҳеҳ дар ин гуна мавридҳо таваҷҷуҳ ба маънӣ ва диққат ба нуқтгузории саҳеҳи калимаҳо мусоидат менамояд.

Ба иқтибоси зерин менигарем: «Чун зиёни маломат дароз кунанд». Ин ҷо ибораи «зиёни маломат» бо маънии ҷумла танокуз дорад. Таваҷҷуҳ бояд намуд, ки калимаи «зиён» дар хатти ниёкон ба сурати «زیان» навишта мешавад. Ин ҷо мусаҳҳеҳ нуқтаеро зиёд хондааст. Шакли дурусти он «забон» (زبان) аст. Камтаваҷҷуҳии мусаҳҳеҳ сабаб гардида, то маънӣ аз байн равад ва чунин иштибоҳ дар матн роҳ ёбад.

Мавриди дигаре, ки аз мусаҳҳеҳ таваҷҷуҳи бештарро тақозо менамояд, ин хониши дурусти ҳарфу калимаҳоест, ки дар навишт ба ҳам шабеҳ ҳастанд. Ба ин мисол таваҷҷуҳ менамоем: «Туро бар ман чӣ шаноат расад». Ин ҷо хониши калимаи «шаноат» (شناعت) диққати бештар мехоҳад ва он бояд «шафоат» (شفاعت) хонда мешуд. Чун дар дастнавис ҳарфҳои «нун» ва «фо» ба ҳам шабеҳ навишта мешаванд, мусаҳҳеҳ «шафоат»-ро барғалат «шаноат» хондааст.

*б) Тасарруф аз рӯи таассуб.* Ба матн қисме аз тағйиру таҳриф ва иловаву илҳоқот ба сабаби таассуби котибону таҳиягарон раҳ меёбад. Ба матни ҳадиси зерин менигарем: «Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: Лав вузина имону Алийин биимони аҳли-с-самои ва-л-арзи лараҷаҳа имону Алӣ» (Яъне, Агар имони Алӣ бо имони аҳли осмону

замин ба тарозу гузошта шавад, ҳамоно имони Алӣ гаронтар хоҳад омад – М.М.). Шакли саҳеҳу аслии матн дар мутуни ҳадисӣ ва нусхаҳо ба ин сурат аст: «Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: Лав вузина имону Абибакрин биимони аҳли-с-самои ва-л-арзи ларачаҳа имону Абибакрин» (Яъне, Агар имони Абӯбакр бо имони аҳли осмону замин ба тарозу гузошта шавад, ҳамоно имони Абӯбакр гаронтар хоҳад омад – М.М.). Аммо котиби нусха аз рӯи таассуби хеш лафзи «Абӯбакр»-ро ба «Алӣ» тағйир додааст.

*в) Афтодани матн ва фарқиятҳои он бо нусха.* Таҳиягари матн бояд таваҷҷуҳи хоса зоҳир намояд, то калимаҳо наафтад ва матн пурра пешниҳод гардад. Ба мисолҳо ва баррасиҳои зерин, ки бо муқобалаи матни чопӣ ва нусхаи хаттӣ пешниҳод мегардад, таваҷҷуҳ менамоем:

Матни чопӣ: «Дар мақоми қурбат лиқоу руъят ёбад, то абадулобод давлат бар давлат ёбад».

Нусха: «Дар мақоми қурбат лиқоу руъят ёбад ва дар қиёмат сад ҳазор каромат ёбад ва дар биҳишт бо ҳуру қусур хилват ёбад, то абадулобод давлат бар давлат ёбад».

Матни чопӣ: «Аввал, мақоми туфулият. Омадем ба мақоми дуюм...».

Нусха: «Аввал, мақоми туфулият: Ҳар чи мехоҳад, мегӯяду мешунавад ва надонад, ки чӣ мегӯяд ва бо кӣ мегӯяду аз кӣ мешунавад. Омадем ба мақоми дуюм...».

Хулоса, Аҳмади Ҷом аз орифон ва суханварони соҳибсухани адабиёти форсии тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ бо таълифи беш аз даҳ асари мансури ирфонӣ дар ташаккули насри форсии тоҷикӣ дар асрҳои XI-XII нақши назаррас гузоштааст. Осори насрии Аҳмади Ҷом аз арзиши баланди филологӣ бархурдор буда, баррасии онҳо аз ин нигоҳ хеле боаҳамият мебошад. Дар рисола, бо таваҷҷуҳ ба ин нукта, маърифат ва таҳқиқи хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом мавриди пажуҳиш қарор гирифт ва чунин натиҷаҳо ба даст омад.

Амалисозии ҳамаи ин бобу фаслҳо дар қисмати «Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда»-и диссертатсия ифода ёфта, дар хулосаи бобҳо ва хулосаи ҷамъбастии диссертатсия баён гардидааст.

Сипас, диссертант дар бораи эродҳои зинаи аввали муҳокима посух дод. Ҳамчун идомаи маъруза қайд намуд, ки номи боби аввал дигар карда шуд. Инчунин муҳтаво ва мундариҷаи осори насрии Аҳмади Ҷом дар боби дуввум, фасли дуввуми он васеътар шарҳ дода шуд. Дар боби севуми рисола сабки насри осори Аҳмади Ҷом ва шарҳи истилоҳоти ирфонӣ возеҳтар баён гардиданд. Ҳамаи он эродҳое, ки дар муҳокимаи кафедра ҷой дошт, пурра бартараф карда шуданд.

Дар идома қайд карда шуд, ки диссертатсия аз хулоса ва натиҷаи таҳқиқ дар 5 банд пешниҳодҳо дода шудаанд.

Дар бораи навгонии рисола диссертант иброз дошт, ки бори аввал масъалаҳои таҳқиқи насри ирфонии форсии тоҷикӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом, муайян сохтани мавзуъву қолабҳои таълифии осори ирфонии ин давра, нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом, баррасии сохториву мундариҷавии осори ӯ, корбурди ашъор ва равшан намудани усулҳои истифода аз он, сабки наср ва тарзи баён, такмил ва мояварсозии фарҳангномаҳои истилоҳоти тасаввуф бар мабнои осори насрии Аҳмади Ҷом, накду таҳлил ва баррасиҳои матншиносии мероси мансури Аҳмади Ҷом, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал сурат мегиранд, аз навгониҳои илмии таҳқиқ ба ҳисоб мерав止анд.

Мазмуни диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ (аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тавсияи Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба мутахассисон ва доираи васеи хонандагон пешниҳод шудааст.

Дар қисмати саволу ҷавоби маҷлис ба докторант (PhD) чунин саволҳо дода шуд:

**Савол:** Муродӣ Низомиддин, доктори илми филология – ман бо рисола аз наздик шинос шудам. Бо камоли меҳр мавриди мутолиа қарор

доштам. Барои диссертант ду савол ба хотири фаҳмидани умқи кор дорам:

1) Чи гуна муваффақ шудед, то бо нусхаҳои бисёри осори насрии Аҳмади Ҷом дастрасӣ пайдо намоед ва чи гуна бо ҳамаи сарчашмаҳои илмӣ, ки роҷеъ ба аҳволи Аҳмади Ҷом маълумот додаанд, дастрасӣ пайдо намудед?

2) Мо медонем, ки А.Зарринкуб дар таҳқиқоти хеш аз муносибати султон Санҷар бо Аҳмади Ҷом сухан менамояд, бояд ин ҳодиса аз назари вазири донишманди Салҷуқиён – Низомулмулки Тусӣ дур монад, агар чунин аст, оё дар «Сиёсатнома» ягон воқеа ишора шудааст?

**Ҷавоб:** Ташаккур устод. Вобаста ба суоли якум ҳамонгуна, ки зикр доштед бояд қайд намоям, ки бо раҳномии роҳбари илмӣ Насриддинов Ф.А., доктори илми филология 14 нусхаи хатии осори насрии Аҳмади Ҷомро аз китобхонаҳои Осиёи сағир дастрас намудем. Онҳоро мушикофона бо он осоре, ки муҳақиқон Ҳасан Насирии Ҷомӣ ва Алии Фозил, ки тасҳеҳу чоп намудаанд, муқоиса ва муқобала намудем.

Ба суоли дуввум ҷавоб чунин аст, ки дар воқеъ Аҳмади Ҷом китоби «Равзат-ул-музнибин»-и худро ба султон Санҷари Салҷуқӣ эҳдо намудааст. Нуфузи ирфонии Аҳмади Ҷом ва иршодгару роҳнамогарии ӯ дар Хуросони бузург эълон мегардад, султон Санҷар ба зиёрати Аҳмади Ҷом меояд. Ин нуктаро ӯ дар китоби болозикр баён доштааст.

Дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулки Тусӣ ишорае аз Аҳмади Ҷом нарафтааст.

**Раиси маҷлис**: Оё боз дигар суол ҳаст, аъзои Шуро суол ҳаст? Нест!

Раиси маҷлис суханро ба муқарризи холиси якум Нуров Нуралӣ, доктори илми филология.

**Гузориши муқарризи холис Нуров Н.:**

Ташаккури зиёд. Пеш аз ҳама ман устод Фахриддин Насриддинов ва шогирди он кас Мирзоҳофизиён Меҳрафканро барои итмоми рисола табрик менамоям. Рисоларо мутолиа намудам, рисола хеле арзишманд ҳам дар заминаи ду тамоюли таҳқиқи поэтика ва матншиносӣ анҷом

додаанд. Агар мо ба таҳқиқи насри классикии ду даҳаи замони охир назар афканем, роҷеъ ба арзишҳои адабӣ ва поэтикаи насри классикии мо чандин рисолаҳои арзишманд навишта шудааст. Ин ҷо метавон аз устодони адабиётшиносии муосир Худоӣ Шарифзода, Носирҷон Салимӣ, ки бевосита ба сабк ва арзишҳои адабии насри классикиро баррасӣ кардаанд. Воқеан масъалаи матншиносии насри классикии мо ки як мавзуи бисёр доманадор ва душвор аст, ба таври зарурӣ ва матлуб таҳқиқ нашудааст. Ин рисола ман гумон менамоям, яке аз рисолаҳои арзишманде ҳаст, ки ду самти бисёр муҳим поэтика ва матншиносиро фаро гирифтааст. Аз аввалин кушишҳое мебошад, ки ҳамон гуна дар суханрониашон доктарант изҳор доштанд, хеле аз масъалаҳои матншиносӣ, яъне матншиносии амалӣ дар рисола баён шудааст. Албатта аз муқаддимаи рисола бармеояд, ки муҳақиқ барои таълифи ин рисолаи арзишманди худ, бисёр сарчашмаҳо ва осори пажуҳиширо фаровон истифода бурдааст. Дар муқаддима муфассал дар бахши «Дараҷаи омухташавии мавзуъ» ин сарчашмаҳо ва осори пажуҳишӣ чи дар Тоҷикистон, кишварҳои форсизабон, Осиёи сағир ва Аврупо анҷом шудаанд, ҳама яко-як шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Дар баробари ин рисола пеш аз он, ки барои дифоъ манзур мешавад, яке аз нуктаҳои аслие, ки мо бояд ба он баҳогузорӣ намоем, ин муқаррар намудани саҳми шахсии муаллифи рисола мебошад. Ин ҷо дар рисола нуҳ мақола гуфтан ва дар гузориши котиби Шуро низ ин нукта рафт, албатта дар ин замина хеле корҳои назаррасро анҷом додаанд. Аз ҷумла 5 мақолаашон дар маҷаллаҳои такризшавандаast. Пеш аз ҳама худи ҳамин имконият медиҳад, ки мо гуем, ки диссертант он ҳадаф ва вазифаҳое, ки дар муқадима муқаррар шудаанд ва он нуктаҳои амалие, ки барои дифоъ манзур шудаанд, ба таври шоистагӣ ба поён расонидааст.

Чуноне, ки зикр шуд боби аввали рисола «Аҳмади Ҷом ва таҳаввули насри ирфонӣ дар аҳди ӯ» унвон дошта, дар ду фасл ва се зерфасл масъалаҳои асосӣ баррасӣ шудаанд. Нуктаи бисёр муҳим ва таъкиди он

аст, ки ҳамон гуна дар суханронии диссертант ишора рафт, дар ҳақиқат то имрӯз дар адабиётшиносии тоҷик роҷеъ ба зиндагиномаи Аҳмади Ҷом чанд мақола ба таври мухтасар ва ё зарурӣ анҷом дода шудааст, ки аксар дар заминаи таърихи адабиёт ва қобуснома ҳо мебошад. Бори аввал мо шоҳиди он гардидем, ки дар асоси сарчашмаҳои муътамад ва осори мақомот, гузашта аз ин ва муҳимтар аз ҳама дар асоси осори худи Аҳмади Ҷом як зиндагиномаи муфассали ин адиб таҳия шудааст. Бо мақсади муқарар намудани мақоми маънавии Аҳмади Ҷом як равиши бисёр ҷолибе аз сар гирифта шудааст, ки яъне ҳамон иродат ва эътимоду эҳтироме, ки пасвандон, адибони баъд аз Аҳмади Ҷом дар мавриди ӯ навиштаанд, махсусан ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Қосим Анвор ва дигар шоирон муқаррар шудааст. Дар ҳамин асос як нубуғи маънавӣ, мақоми адабӣ ва ирфонии Аҳмади Ҷом мушаххас шудааст.

Дар қисмати баъдии боб вазъи таҳаввули наср дар замони Аҳмади Ҷом бисёр муфассал ва дастабандӣ бисёр муҳим аз назари илмӣ шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Боби дуввуми диссертатсия, ки «Нусхашиносӣ ва пажуҳиши сохторию мавзуии осори насрии Аҳмади Ҷом» унвон дорад, воқеан яке аз бобҳои бисёр арзишманди рисола ба шумор меравад. Чуноне ин ҷо ишора намудан, ин боб аз тозагиҳои бисёре бархурдор аст. Наздик ба 40 нусхаи осори Аҳмади Ҷом тавсиф шудааст. Бештари ин нусхаҳо дар ихтиёри муаллиф қарор дорад ва ин имконият додааст, ки хеле аз масъалаҳои муҳими нусхашиносӣ дар ин фасл баррасӣ шаванд ва ҳамзамон дар баробари ин дар бахши дигари боб «Мундариҷа ва таркиби сохтори осори насрии Аҳмади Ҷом» баррасӣ шудааст. Ҷолиб он аст, ки тамоми он осоре, ки дар ихтиёр доштанд аз назари сабк, сабабҳои таълиф ва дигар масъалаҳое, ки ба муҳтаво ва мундариҷаи асарҳои насрии Аҳмади Ҷом марбутанд баррасӣ гардидаанд.

Дар боби севуми диссертатсия, ки «Баррасии хусусиятҳои поэтикӣ ва матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом» унвон гирифта, ин боб аз чаҳор фасл ва се зерфасл таркиб ёфтааст. Дар қисмати аввал чунонки

маълум аст, масъалаҳои аз ҳама муҳиме, ки ба рамзи ихтисоси интихоб карда шуда, марбут мебошад ва ҳам меҳвари аслии таҳқиқро баён медоранд баррасӣ шудааст. Аз ҳама муҳим шеваҳои хоси истифодаи ашъор ба унвони як падидаи муайянкунадаи арзишҳои адабӣ аст, бисёр муҳим таҳқиқ сурат гирифтааст. Нахуст ашъори шоироне, ки қабл аз Аҳмади Ҷом ба миён омадаанд, баъдан худи шоир ва баъдан ашъори арабӣ. Нуктаи бисёр муҳим он аст ва ин нукта дар рисола низ таъкид шудааст, ашъоре, ки дар осори насрии Аҳмади Ҷом баён доштаанд, метавонанд оянда дар тасҳеҳи матни девони худи шоир истифода шаванд. Ин назари хеле муҳим аст ва албатта ман гумон мекунам, ки дар оянда аз таълифоти докторант (PhD) бо самар истифода хоҳад шуд.

Чунонки ишора ҳам шуд дар бахши матншиносӣ бисёр таҳқиқи матншиносӣ шудааст, ки хеле муҳим мебошад. Бо истифода аз он нусхаҳое, ки дар ихтиёр доштанд ва ин ҷо ҳам баъзе намунаҳо ишора карданд, хеле муфассал бо зикри далелҳо ва муқоиса бо матнҳои чопӣ сурат гирифтааст. Бо ин истифода хеле ғалатҳое, ки дар чопҳо рафтаанд ислоҳ шуданаш мумкин аст. Дар рисола баррасӣ шудааст ва ман гумон мекунам, ки ин бахши рисола низ барои дар оянда тасҳеҳ намудани осори насрии Аҳмади Ҷом истифода хоҳад шуд. Албатта таҳқиқи матншиносии осори Аҳмади Ҷом пеш аз ҳама ба худи муаллифи рисола имконият медиҳад, ки кор дар ин самт пешбурд бошанд ва мо албатта умедвор ҳастем, ки чун яке аз сабабҳои аслии мавриди таҳқиқ қарор гирифтани осори Аҳмади Ҷом ин дар Тоҷикистон то кунун ба таври комил нашр нарасидани осори ӯ мебошад. Танҳо як маҷмуае аз мунтахаби ашъораш аст, ки дар муқаддима ишора кардаанд. Ин таҳқиқ пеш аз ҳама як заминаи бисёр муҳим барои дар оянда тасҳеҳ ва нашр намудани осори Аҳмади Ҷом мегардад, ки дар хулоса ба ин нуктаҳо ишора кардаанд.

Албатта рисола чуноне гуфтем хеле масъалаҳои аз дидӣ фарох аст. Аз масъалаҳои бисёр густардаи илмӣ дарак медиҳад. Аз ҷумла ин кор як таҳқиқоте, ки воқеан адабиётшиносии тоҷик ба он ниёз дошт ва ман

гумон мекунам, ки барои таҳқиқи ҷанбаҳои дигари осори Аҳмади Ҷом роҳ мекушояд.

Дар баробари дастовардҳо баъзе мулоҳизаҳо ҳаст, ки ман гумон менамоям, ки ба эътибор гирифтани онҳо ба манфиати кор аст. Пеш аз ҳама вақте боби аввали рисоларо мо мутолиа кардем маълум аст, ки албатта барои тақвияти баъзе назарҳо дубора руҷуъ шудааст ба дараҷаи омӯхташавии мавзуъ ва дар он ҷо мулоҳизаҳои донишмандони ҳам ватанӣ ва хориҷӣ такрор шудааст. Ман гумон менамоям, ки дар қисмати муқаддимаи рисола ки омадааст, дубора зарурат ба овардани ин масъалаҳо набошад. Чунки ба гунаи такрор ба назар мерасад.

Ва чуноне, ки ишора намудам дар қисмати назарияи хулосаҳо нуктаҳои бисёр муҳим шарҳ дода шудааст ва дар қисмати амалия ҳамаи он масъалаҳое, ки дар 5 банд гуфта шудааст ва ман гумон мекунам, ки дар ҳамон ҷо як нукта илова шавад. Бояд дар асоси ҳамин рисола дар оянда барои тасҳеҳ ва нашри осори Аҳмади Ҷом истифода мешавад. Ҳамин қадар суханҳои арзишманд ҳаст, аммо мутаассифона дар қисмати хулосаҳои амалӣ ҳамин нукта таъкид нашудааст.

Албатта баъзе сарфи назар аз он дастовардҳо дар баъзе камбудиҳо ҳаст. Ман пеш аз ҳама таъкид намоям, ки  аз ҷумлаи рисолаҳое аст, ки хеле мушикофона ва дақиқ навишта шудааст. Хатоҳои имлоӣ хеле кам дорад, лек мутаассифона ҳаст ман чандтоашро ба худи диссертант гуфтам, аз ҷумла чанд маврид дар ашъор баъзе ғалатҳо ҳаст, ки дар рисола ба ҳар яки он ишора шудааст, ман гумон менамоям, ки дар вақти бознигарӣ ва манзур кардан ба марҳилаи баъдӣ аз он истифода хоҳанд кард.

Маҷмуан ба таври кулли диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом»-ро кори анҷом ёфта ба шумор меҳисобам ва онро ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф шоистаи дарёфти дараҷаи доктори илми фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 –

Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад. Аз ин рӯ, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тавсия менамоям.

**Раиси маҷлис:** Сухан ба докторант (PhD) барои ҷавоб ба пешниҳодҳои муқарризи холиси якум?

**Мирзоҳофизиён М.М.:** Ҷавоб: Ташаккур устод барои мутолиаи рисола. Якум пешниҳод дар бораи дараҷаи омухташавии мавзуъ аст. Албатта мо якбор дараҷаи омухташавии мавзуъро дар қисмати муқаддима пешниҳод накарда будем, вақти муҳокимаи кафедра ба мо тавсия доданд, ки дараҷаи омухташавии мавзуъ дар мундариҷаи кор нишон дода шавад. Баъд мо онро нишон додем.

Дуввум масъалаҳои матншиносӣ дар тавсияҳои амалӣ нишон дода шавад. Албатта дар тавсияҳои амалӣ он масъалаҳои матншиносӣ, ки дар даруни кор мо анҷом додем дар ин қисмат нишон дода хоҳад шуд.

Севум он ҷузъу хатоҳое, ки дар ашъор рафтааст, баъди пешниҳоди рисола барои тақриз мо онҳоро якбори дигар бознигарӣ намуда, он ашъорҳое, ки дар онҳо баъзе хатоҳои ҷизъиву саҳвӣ рафтаанд ислоҳ намудем. Ташаккур.

**Раиси маҷлис:** Муҳтарам аъзои Шуро муқарризи холиси дуввум – Шарифов Ш.Ҳ., номзади илми филология, муовини директори МД «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» мебошанд ва дар ин ҷо ҳузур доранд ва ман менхостам, ки он кас ҳам нисбати рисолаи Мирзоҳофизиён М.М. андешаҳои худро ҳамчун муқарриз баён кунанд.

**Гузориши муқарризи холис Шарифов Ш.Ҳ.:**

Ассалому алайкум, ҳозирин ман ҳам дар оғоз устод ва шогирде, ки имруз сабаби ин нишастгоҳанд табрик ва таҳният мегуям ва барои сарфаи вакт тақризи омода кардаамро қироат мекунам.

Тақриз ба диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт,

матншиносӣ, нусхашиносӣ) дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом».

Диссертатсияи мазкур, ки аз лиҳози қаробати мавзуъ пас аз «Хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии насри ахлоқии асри XIV» (ҳимояшуда соли 2020 аз тарафи доктор (phd) аз рӯйи ҳамин ихтисос Н.Нигматов) диссертатсияи дуюми таҳти роҳбарии доктори илми филология Фахриддин Насриддинов таълифшуда мебошад, инак марҳилаи аввали накду баррасии расмиро паси сар мекунад.

Мундариҷаи диссертатсия на фақат дар доираи осори насрии Аҳмади Ҷом, ки 10 асари мансури бозшиносишударо ташкил медиҳад, маҳдуд мешавад, балки мероси насрии аҳли қалами садаҳои XI-XII, ба вижа насри ирфонии асрҳои мазкурро низ фаро мегирад.

Дар ду фасли боби аввали он, ба ҷуз сарчашмашиносии мухтасару мудаллали рӯзгору осори Аҳмади Ҷом, ҷойгоҳи осори мансури вай дар байни асарҳои насри ирфонии замонии зиндагияш, ки хеле дақиқ таснифот (осори ирфони назарӣ ва амалӣ; мақомоту табақот ва зиндагиномаҳоии сӯфиён; тафсирҳои куҳани форсии тоҷикӣ) ва таҳлилу баррасӣ ёфтаанд, бар пояи истидлолҳои мутқан муайяну муқаррар шудааст.

Мундариҷаи ду фасли боби дуюми диссертатсия собит месозад, ки дар самти муаррифӣ, накду баррасии мутуни осори адабиии ҳанӯз номунташир (албатта дар кишвари мо) ва таҳқиқнашудаи Аҳмади Ҷом (хусусан нусхашиносӣ) саъю талоши диссертант самаранок буда, натиҷаҳои пажуҳишоти вай, хусусан корбурди равиши шинохту таҳлили сохториву мавзӯии силсилаи осори як нависанда минбаъд дар омӯзиши мероси адабии донишмандони бисёросор қобили пайравӣ мебошад.

Дар боби сеюм, ки аз чор фасл иборат мебошад, масоили поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом дар робита бо масоили матншиносӣ дар ҳоли тамзиҷ хеле хуб матраҳ гардида, натиҷагириҳои мӯҷазу мухтасари ҳар фасли он далели дар сатҳи матлуб ҳаллу фасл шудани

матолиби мавриди таҳқиқ буда, аз огоҳии диссертант дар самти илми матншиносӣ, назарияи адабиёт ва хусусан назарияи наср аст. Намунаҳои мансуру манзум аз осори Аҳмади Ҷом, ки аз мутуни тасҳеҳшуда ва гоҳе аз нусхаҳои хаттӣ барои исботи фикру назар баргузида шуда дар фаслҳои ин боб дарҷ ёфтааст, дуруст интихоб ва баргардон шуда, саҳву лағзишҳое, ки бозгӯйи хатношиносиву мантиқнодонӣ бошад, дар қироату сабт дида намешавад.

Хулосаи диссертатсия ҳам бо муҳтавои фаслҳои ҳар се боби он мувофиқ буда, тавсияҳои амалии судманди пешниҳодшуда комилан бар таҷрибаи шахсии дар таҳқиқи мавзӯъ ҳосилшудаи диссертант асос дорад.

Диссертатсия аз ҷиҳати сохтору мундариҷа ва арзиши илмӣ ба шумори беҳтарин диссертатсияҳои ихтисоси «Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ» дохил мешавад. Чунки дар шаклу мундариҷаи диссертатсия талаботи ҳар се ҷанбаи ихтисоси мазкур дар ҳадди лозими илмӣ ба инобат гирифта шуда, бо ниҳояти шоистагиву боистагӣ ва амонатнигаҳдорӣ риоя гардидааст.

Норасоиҳои ҷузъие, ки дар сатҳи забони услубан муҳкам ва то андозае моил ба забони илми адабиётшиносии классикии диссертатсия ба мушоҳида мерасад, бештар дар доираи имлои нав, ки ҳанӯз дар марҳилаи оғози татбиқшавӣ қарор дошта, баҳсҳое ҳам дар зимн дорад, ба назар мерасад. Ин лағзишҳо хусусан дар мавриди истифодаи садоноки «ӯ»-и устувори дарозу ҳамсадои «й», артикли арабии «ал» дида мешавад, ки ҳамагӣислоҳпазир буда, вуҷуди онҳо чизе аз арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳад.

Дар бахши китобшиносии диссертатсия низ, ки зарурати баргардони сарчашмаҳои форсиву арабӣ ба алифбои кирилӣ ба инобат гирифта шудааст, бо теъдоди ниҳоят кам хатоҳои техникӣ ба назар расид, ки ислоҳи он низ ба манфиати кор аст.

Ҳамаи назарҳои дар боло баёншуда дар мавриди автореферати диссертатсия низ росту дуруст меоянд. Он чи дар автореферат як андоза

боиси нигаронӣ аст, интиқол наёфтани бахши назарии фасли якуми боби якуми диссертатсия мебошад, ки фишурдаи фасли мазкурро ба сурати як автобиографияи муқаррарии Аҳмади Ҷом бозтоб медиҳад. Ислоҳи ин норасоии ҷузъӣ низ ба пайкараи тарошхурдаи автореферат рехтагии бештаре хоҳад бахшид.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия ва автореферати мазкур кори тамомшуда ва комил ба ҳисоб рафта, бо ислоҳи норасоиҳои ҷузъии ангуштшумори бақайдомада ва бо ба инобат гирифтани пешниҳоди зикршудаи охирин ба марҳалаи навбатӣ роҳ дода шавад.

**Раиси маҷлис:** Ташаккури зиёд, марҳамат сухан ба диссертант?

**Мирзоҳофизиён М.М.:** Ташаккури зиёд устод барои диссертатсияи мо. Якум эроде, ки шуд ин вобаста ба имлои диссертатсия аст. Баъди пешниҳод гардиданд он хатоиҳои имлоие, ки дар диссертатсия буд ислоҳ намудем ва онҷӣ агар ҳаст боз ислоҳ хоҳем намуд.

Дуввум дар бораи ҷузву хатогиҳои техникӣ, ки дар баъзе ҷойҳо рафтааст, онро низ ислоҳ намудем.

Севум дар қисмати автореферат, дар ҳамон фасли якуми боби аввал, яъне «Рузгоршиносии Аҳмади Ҷом»-ро мо хеле фишурда додагӣ ҳастем. Аз он сабаб, ки диссертатсияи мо дар «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» мо ба қисмати поэтикӣ ва матншиносии осори Аҳмади Ҷом дар афтореферат таваҷҷуҳ намудем. Қисмати рузгоршиносии Аҳмади Ҷомро муҷазтар ҷой додагӣ ҳастем. Албатта ин чиз ҳам ба инобат гирифта хоҳад шуд.

**Раиси маҷлис:** Ташаккур ба муқарризони холис, ки имруз омада ба рисолаи докторант (PhD) андешаҳои худро баён доштанд, бори дигар арзи сипосро баён намуда, миннатдории худро мерасонем.

Аз ҳисоби олимони факултет, устодону омӯзгорон якчанд нафар ҳам матни рисола ва ҳам фишурдаи рисоларо мутолиа кардаанд. Аз устодон профессор Низомиддин Муродӣ рисола ва фишурдаи онро мутолиа намудаанд, ин лаҳза зимоми суҳбатро ба устод медиҳем:

**Суханронии Муродӣ Н., профессор, доктори илми филология, устоди кафедраи забон ва адабиёти тоҷик:**

Дуруди баҳорӣ ба якоякӣ Шумоён азизони дил.

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,
Бо садҳазор нузҳату оройиши аҷиб.
Шояд ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ ба дил ёфт шабоб аз пайи машиб.

Устодони гиромӣ, дустони арҷманд рости гап равони ҳазрати устоди раҳнамоямон профессор Абдулманони Насриддин шоду масрур бошад. Ҳаргоҳ ман рисолаҳое, ки марбут ба номи дусти донишмандам Фахриддин Насриддинов аст, ҳазрати устодамонро пеши назар мебиёрам. Ҳамин рисоларо хонада, боз якбори дигар хотирам ҷамъ шуд, ки мактаби устод ба шарофати нури чашмашон ва мо шогирдон идома дорад. Лекин ин усули таҳқиқ бори дигар муайян мекунад, ки мактаби устоди равоншоди мо воқеан идома дорад, боз ҳам мустаҳкам мешавад ва рушду нумӯ мекунад. Дар атрофи ҳавзаи хеш беҳтарин муҳаққиқону пажуҳандагони ҷавонро ҷамъ мекунад, ки яке аз онҳо Мирзоҳофизиён М.М. ҳастанд. Камина аз фурсат истифода карда роҳбари илмиашон професссор Фахриддин Насриддиновро ба ҳар боб табрик ва таҳният мегуям. Ташакури зиёд. Ин корҳо барои ҳамаи мо ибрат аст, шогирдро тули чанд сол тарбия карда, ба ҳавзаи илмии муосир ва филология муаррифӣ кардан ин ҳунари воқеии устод аст. Тасаввуфи амалӣ ана ҳамин аст.

Дустони гиромӣ, фикр мекунам кор бисёр кори арҷманд аст. Танҳо чанд масъалае, ки барои пажуҳандаи ҷавони мо пешкаш шавад, то ки барои ҳимоя бо сари боз ҳам шоистатар бароянд. Азизони дил, вақте ки мо ба мундариҷаи кор менигарем, агар дар умум нигарем мақсади ҳамаи корҳое, ки дар адабиётшиносии мо, филологияи мо ва дар ҳавзаи мо таҳия мешаванд дар бобати адабиётшиносӣ ин дигарбора муайян ва нишон додани адабиёти форсии тоҷикии мо аст.

Агар мо таваҷҷуҳ намоем ба китобҳои интишор кардаи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин бобат хеле нуктаҳои ҷолибро пеши назар меорем. Аз ҳамин хотир ман ба Мирзоҳофизиён М.М. пешниҳод мекардам, ки чанд нуктаҳое, ки аз суханони Ҷаноби Олӣ аст ва дар китобҳои сершуморашон барои мо адабиётшиносон иншо кардаанд, чанд иқтибосеро дар бобати ҳимоят ва манзалати адабиёти форсӣ-тоҷикии мо меоварданд, дар муқаддимаи кор ин воқеан шоистаи корро муайян мекард. Чунки ҳадафи кор ҳам мақом ва манзалати адабиёти мо, адабиёти миллии мо аст.

Дигар дар қисмати муқаддима баъзе хатогиҳои техникӣ аст, фаслу саҳиваҳо бо фаслу саҳифаҳои варианти охир муқоиса намекунад. Ман дар саҳифаҳо ишора кардагӣ ҳастам. Дар саҳифаҳои 12, 21, 23, 24, 25 дар дигар саҳифаҳо як диссертант нигоҳ мекунад, баъзан бо шитобзадагӣ аз назар гузашта мемонад.

Инчунин бо Нуров Н. нишаста, як ишора кардем масалан агар нигоҳ намоем:

Зоҳир ба ҷаноби ту замири ҳама кас,
Эй ҳимати ту узрпазири ҳама кас.
Лутфат ба карашма дастгири ҳама кас,
Даргоҳи ту қиблагоҳи ҳама кас.

Яъне, инҷо ду ҳиҷо афтодааст ё:

Аз ин май маст буданд аҳли ирфон,
Ҷамеи ошиқону покбозон:
Ҷунайду Шибливу Маъруфи Кархӣ,
Сарвари сӯфиён Зуннуни Мисрӣ.

Вазн дар инҷокоҳидааст. То охири рисола як ба ашъор нигоҳ мекунанд. Дустони гиромӣ, донишмандони азиз фақат танҳо як матлаберо гуфтанӣ ҳастам, ки ба ҷиҳати узвияти Шурои диссертатсионӣ солҳои охир хеле рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ мехонем. Лекин аксарияти муҳаққиқони мо ҳамин кутубе, ки ба хатти кириллӣ чоп

шудаанд, дар асоси ҳамон бемалол рисолаҳои илмии хешро ба анҷом мерасонанд.

Аксари корашон ва паджуҳишашон дар асоси матнҳо, нусхаҳои аслӣ, сарчашмаҳо, дастхатҳо навишта шудааст. Ин хеле кори сангин аст ва ба ҷавониашон нигоҳ накарда таҳти сарпарастии роҳбари илмиашон ҳамин қадар кори сангинро ба субут расонида, бар дӯш доштан ин худ як маҳорати пажуҳандагии эшонро нишон медиҳад. Бисёр кори салис, зебо ва кори анҷом ёфта буда, камина танҳо дастгирӣ менамоям. Барои ҳимоя лоиқу сазовор медонам.

**Раиси маҷлис:** Ташаккури зиёд.

Фишурдаи рисоларо номзади илмҳои филология Маърифат Анварова хондаанд. Тақризи хаттии пешниҳод кардаанд.

Аз устодони дигари мо Ҳомидиён Ҳ.К. дотсент, номзади илмҳои филология бо фишурда шинос ҳастанд ва ман ин лаҳза суханро ба он кас медиҳам.

**Суханронии Ҳомидиён Ҳ.К. дотсент, номзади илмҳои филология, устоди кафедраи филологияи араб:**

Саломат бошед. Аввалан ассалому алайкум устодони азиз, ҳамкорони муҳтарам. Нахуст устодамон, дусти азизамон Фахриддин Насриддиновро ба ин марҳила расидани шогирдашон табрик ва муборак бод мегуям. Инчунин Мирзоҳофизиён М.М.-ро ки банда низ ҳаққи устодӣ дорам, бисёр ифтихор мекунам ва барои эшон дар марҳилаҳои баъдӣ муваффаққиятро хоҳонам.

Ҳақиқатан устодон кореро, ки Мирзоҳофизиён М.М. ба анҷом расонидаанд, таҳти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» яке аз корҳои аз лиҳози илмият бисёр пурбор аст. Ин сухани ман бемуҳобот аст, ҳақиқатан ҳам ҳамин гуна аст.

Ин ҷо устодон, Нуров Н., Муродӣ Н. ва дигар дустони азиз ибрози ақида намуданд, дар бурду бохти рисолаи мазкурро баён доштанд. Намехоҳам такрори сухан бошад.

Аз ҳамин лиҳоз баъди мутолиаи фишурдаи рисола ҳақиқатан барои ман маълум шуд, ки Аҳмади Ҷом яке аз донишмандоне мебошад, ки кас бо таҳқиқоти зиёд ва корҳои бисёр мондагор наметавонад, ки вориди ҷаҳонбинии амиқи ин шахсияти барҷаста шавад, ки диссертант тавониста аз ин даст ёбад ва албатта чуноне, ки зикр шуд ин бо роҳнамоии устоди азизашон Фахриддин Насриддинов мебошад.

Ҳамин хел кори анҷомдодаи Мирзоҳофизиён М.М.-ро кори анҷом ёфта меҳисобам ва барои марҳилаҳои ояндааш муваффақият талаб мекунам.

**Раиси маҷлис:** Ташаккури зиёд. Банда низ масъул шуда будам, ки фишурдаро хонам. Аз мутолиаи фишурда ҳамин чиз эҳсос мешавад, ки ҳар он чизе, ки дар зинаи қаблӣ баррасӣ гардида буд ва пешниҳод гашта буд, дар рисола ислоҳ шудааст ва ин аз худи фишурда ҳам маълум аст.

Дигар аз докторант (PhD) хоҳиш карда мешавад, ки ҳамин матне, ки дар фишурда ҷой карда шудааст, бо тарҷумаи русӣ ва фишурдаи англисиаш то марҳилаи зинаи баъдӣ пешниҳод намояд.

Аз устодони факултет Нигматов Н.И., номзади илми филология фишурдаро мутолиа кардаанд, ман ин лаҳза суханро ба он кас медиҳам.

**Суханронии Нигматов Н.И., номзади илми филология, устоди кафедраи грамматикаи забони арабӣ:**

Ассалому алайкум Раис, аъзои Шуро. Бо иҷозати шумоён тақризи хешро ироа менамоям.

Тақриз ба диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз таҳти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ).

Таҳқиқ ва баррасии осори мансури ирфонӣ аз ҷумлаи таҳқиқоти арзишманди филологӣ мансуб мешавад. Хусусан осоре, ки то имрӯз дар адабиётшиносии тоҷик омухта нашудаанд, арзиши рисоларо боло мебарад. Рисолаи докторант (PhD) Мирзоҳофизиён Меҳрафкан

Мирзоҳофиз тахти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» аз ҷумлаи таҳқиқоти зӣ қимматти солҳои охир ба шумор меравад. Муаллифи рисола дар бобҳои сегона тавониста, ки муҳимтарин осори мансури Аҳмади Ҷомро ба баррасӣ кашад.

Рисола аз се боб ва ҳашт фасл иборат буда, дар ҳар як фасли он ҳаёт ва эҷодиёти орифи номвар Аҳмади Ҷом ба таҳқиқ кашида шудааст.

Муҳассаноти рисоларо метавон бо қарори зайл қаламдод намуд:

1. Баррасии рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ.

2. Равшансозии кунияи ориф. Дар адабиётшиносии тоҷик кунияи Аҳмади Ҷомро «Номиқӣ» ёд намудаанд. Диссертант дар асоси сарчашмаҳо ва китобҳои соҳавӣ собит намуда, ки кунияи ӯ «Номақӣ» аст.

3. Хулосакашии бобу фаслҳо. Дар тамоми бобу фаслҳо диссертант хулосаи илмӣ бароварда, дар бандҳо онро зикр намудааст.

4. Дастёбӣ ба нусхаҳои хаттии ношинохта. Дар матнпажуҳӣ нусхаҳои тоза ва қадима амри зарурист. Диссертант тавонистааст, ки бо шиносонидан ва ба кор гирифтани нусхаҳои нав аз осори мансури Аҳмади Ҷом таҳқиқи хешро моявар созад.

5. Дар боби сеюми рисола диссертант масъалаҳои матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷомро баррасӣ намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз таҳти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) ба талаботи навиштани рисолаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои пешниҳод ба марҳилаҳои баъдӣ мувофиқ мебошад.

**Раиси маҷлис:** Ташаккури зиёд. Чанд нафаре, ки ин ҷо суҳбат карданд нисбати фишурдаи рисола ҳама андешаҳои мусбат баромад ва пеш аз оне, ки қарори дахлдори ҷаласаи Шурои олимонро қабул кунем, риштаи сухан ба устод профессор Фахриддин Насриддинов дода мешавад.

**Суханронии роҳнамои илмии диссертатсия Насриддинов Ф.А., доктори илми филология:**

Ман ин ҷо нишаста бисёр як фазои илмиро эҳсос мекунам. Ин ҷо донишмандони бисёр азиз ҳамкорони мо, ки мо дар паҳлӯи якдигар як рисолаи хоса дорем, ки бояд суханпажуҳӣ ва ховарпажуҳии тоҷикро пеш барем. Аз ҳамаи Шумоён мамнун ҳастем, ки имрӯз бисёр мушикофона дустони азиз Нуров Н.Н., Шарифов Ш.Ҳ., Муродӣ Н. ва ҳамаи ҳамкорони азиз, ки хонда изҳори назар карданд, инҳоро ҳамаашро дар корашон ба инобат мегиранд ва то марҳилаи баъдӣ такмил мекунанд.

Умедвор ҳастем бо ин як қадами дигар ва як муҳаққиқи дигар дар адабиётшиносии мо қадам гузошта шуд. Ба ҳамаи Шумо ташаккури худро баён менамоям.

**Раиси маҷлис:** Ташаккури зиёд, дустони азиз. Муҳтарам аъзои Шуро қисмати қарори ҷаласаи имрӯзаро ман ба Шумо шинос мекунам.

Раиси маҷлис дар идомаи ҷаласа лоиҳаи қарори Шуроро пешниҳод намуд:

1. Бо назардошти андешаҳои боло, ки иброз шуданд, Шурои олимони факултети забонҳои шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо протоколи № 8 аз 14 марти соли 2023 диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» ҳамчун таҳқиқоти комилан анҷомёфта бо назардошти ислоҳи хатоҳои зикршуда барои баррасӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи

ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) пешниҳод карда шавад.

**Иштирок доштанд:** 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:

«тарафдор» – 21 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Протоколи № 8 аз 14 марти соли 2023.

Қарор якдилона қабул шуд. Бо ҳамин маҷлис бо рӯзномаи зикршуда хотима ёфт.

Раиси Шурои олимон,
номзади илми филология: Раҳимов И.У.

Муқарризони холис –
доктори илми филология, директори
Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»: Нуров Н.Н.

Номзади илми филология, муовини директори
МД-и «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» Шарифов Ш.Ҳ.

Котиби маҷлис,
номзади илми филология: Содиқова Р.

«Имзоҳои И.У. Раҳимов, Н.Н. Нуров, Ш.Ҳ. Шарифов ва Р.Содиқоваро тасдиқ мекунам».
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ-и
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров»: Наврӯзов Э.М.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.
Тел.: (+992) 900420202
E-mail: n.ehson@mail.ru